**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис



**ТДУ: 343.98(575.3)**
**ТКБ –67.99(2)94+67.99(2)8**
**И–14**

**ИБРОҲИМЗОДА МУБОРАК ИБРОҲИМ**

# ТАҲҚИҚОТИ КРИМИНОЛОГИИ ХУСУСИЯТҲОИ СИННУ СОЛИ ШАХСИЯТИ ҶИНОЯТКОР: ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИЯ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**ДУШАНБЕ – 2025**

**Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Сафарзода Ҳаёт Саидамир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия 10 январи соли 2026, соати 10.00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D КОА-19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ______ соли 2025 фиристода шуд.

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Мирзозода Қ.Х.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Масоили мубориза бо ҷинояткорӣ ва пешгирии он, инчунин масъалаҳои тарбияи ҷавонон ва наврасон дар рӯҳияи риояи қонунҳои давлат ва эҳтироми анъанаҳои миллӣ то имрӯз аз масъалаҳои муҳимтарини илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таъкид намудаанд, ки «дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгароӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳимтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад» [4]. Ҳалли ин вазифа дар доираи низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бешубҳа, дорои аҳаммияти махсус буда, бо усулҳо ва равишҳои хоси худ фарқ мекунад.

Дар ин замина, дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон як қатор барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ ҷиҳати муқовимат ба ҷинояткорӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти давлат, ҷомеа ва ҳар як аъзои он қабул гардиданд.

Мувофиқи таҳқиқотҳои криминологӣ ва равоншиносӣ, паҳншавӣ ва коҳиши ҷинояткорӣ аз бисёр омилҳои субъективӣ вобаста мебошад. Дар байни онҳо, чунин омили муҳим, мисли синну соли шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, таваҷҷуҳи махсусро талаб месозад. Сабаби содир гардидани ҷиноят дар бисёр ҳолатҳо аз синну соли шахсони ҷиноят содирнамуда вобаста аст. Дар асоси таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавон хулоса кард, ки муайян кардани динамикаи содиршавии ҷиноятҳо аз муайян кардани синну соли шахсони ҷиноят содиркарда вобаста мебошад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки чораҳои пешгирии ҷиноят бояд бо дарназардошти синну соли ҷинояткор таҳия карда шаванд.

Дар ин маврид овардани маълумоти зерин ба мақсад мувофиқ мебошад: дар тӯли нӯҳ моҳи соли 2023 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 11 525 ҷиноят содир шудааст,

ки аз онҳо 475 (4,2%) аз ҷониби ноболиғон, 3367 (29,21%) аз ҷониби ҷавонон, 5747 (49,81%) аз ҷониби калонсолон ва 1936 (16,79%) аз ҷониби шахсони синни пиронсол содир гардидааст. Аз руйи минтақаҳо: дар ВМКБ дар маҷмуъ 404 ҷиноят содир шудааст, ки аз онҳо 9 – аз ҷониби ноболиғон, 92 – аз ҷониби ҷавонон, 253 – аз ҷониби калонсолон ва 50 – аз ҷониби пиронсолон мебошанд; дар вилояти Суғд шумораи умумии ҷиноятҳо 3585 буда, аз ҷумла 140 – аз ҷониби ноболиғон, 1043 – ҷавонон, 1774 – калонсолон ва 628– пиронсолон содир шудаанд; дар вилояти Хатлон дар маҷмуъ 3264 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 135 – аз ҷониби ноболиғон, 919 –ҷавонон, 1550 – калонсолон ва 660 – пиронсолон мебошанд; дар шаҳри Душанбе бошад, 2258 ҷиноят содир гардидааст, ки аз онҳо 88 – аз ҷониби ноболиғон, 709 – ҷавонон, 1196 – калонсолон ва 265 – пиронсолон содир гардидааст [3]. Ба андешаи муаллиф, ин нишондиҳандаҳои омори худ ба худ масъалаҳое ба миён меоранд, ки дар доираи ин таҳқиқоти диссертатсиони мушаххас карда шуда, ҳамаҷониба таҳлил мегарданд.

Дар доираи илми криминология масъалаҳое, ки ба синну сол, хусусиятҳои равони ва зеҳнии ҷинояткорон вобастаанд, то имруз ба таври амиқ ва муфассал таҳқиқ нашудаанд. Бо вуҷуди ин, набояд аз он омилро сарфи назар намуд, ки дар ҳар соҳаи фаъолияти давлат, ҷомеа ва шахсият метавонад чунин шароити махсус ба вуҷуд ояд, ки на танҳо ба пайдоиши намудҳои девиантии рафтор ба таври ғайримустақим мусоидат намояд, балки худ ҳамчун омили фаъол барои ташаккули воқеияти иҷтимоии деструктиви баромад кунад. Дар чунин муҳит ба шахсият таъсири дугона расонида мешавад: аз як тараф, механизмҳои иҷтимоии гардонии ӯ таҳриф мегарданд, аз ҷониби дигар, самтгирии арзишҳои инфиродии ӯ халалдор мешавад. Илова бар ин, дар шароити ноустувории институтсионали ва холигии меъёри ин таъсир метавонад чандин маротиба афзоиш ёбад.

Дар шароити муосир масъалаҳои зикршуда бо дарназардошти рушди босуръати ҷомеаи иттилооти ва ташаккули коммуникатсияҳои рақамии бисёрсамти аҳаммияти

хос пайдо мекунанд. Вобаста ба ин, муаллиф хусусияти байнисоҳавии масъалаҳои мавриди таҳлили кори диссертатсиониро таъкид менамояд, зеро технологияҳои муосири коммуникатсионӣ барои қариб ҳамаи гурӯҳҳои синнусолӣ ва тамоми табақаҳои аҳолӣ дастрас мебошанд. Ин ҳолат, дар навбати худ, боиси ба миён омадани шумораи зиёди хатарҳои кибериҷтимоӣ мегардад, ки таҳияи заминаи муайяни меъёриву ҳуқуқиро талаб менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор аз олимони ватанӣ таҳқиқотҳои худро ба омӯзиши масъалаҳои умумии шахсияти ҷинояткор бахшидаанд, аз ҷумла У.А. Азизов [19], Н.Б. Азимов [5; 20], С.Э. Баҳриддинзода [9], З.А. Камолов [14, с. 137-151], Н.А. Қудратов [10], Ф.А. Меликов [26], А.К. Назаров [16, с. 305-310; 17, с. 240-245], А.И. Сафарзода [13, с. 70-78], Х.Г. Ҷалолов [23], Т.Ш. Шарипов [27], Ш.М. Шарифзода [28] ва дигарон. Масъалаҳои вобаста ба тавсифи сифатии ҷинояткорон ҳамчунин дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла дар корҳои Ю.М. Антонян [6], А.А. Байбарин [8], Р.Б. Бахаев [21], Ю.В. Владимирова [22, с. 16], Т.Н. Волкова [7], Е.М. Илчикова [24], В.О. Касимов [25], В.В. Лисак [15, с. 113], А.В. Микляева [11], И.С. Ной [12], В.Е. Эминов [18, с. 37] ва дигарон баррасӣ шудааст.

Бо ин вуҷуд, бояд зикр кард, ки то ҳол аз ҷониби на муҳаққиқони ватанӣ ва на хориҷӣ таҳқиқоти ҳамаҷониба ва маҷмуии робитаи синну соли шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, бо худи ҷиноят анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқгарони тоҷик танҳо ба баъзе ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи мавриди баррасӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Бо дарназардошти сатҳи кофӣ омӯхта нашудани масъала ва аҳаммияти баланди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф кӯшиш намудааст, ки онро бо такя ба талаботи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва дастовардҳои криминологияи муосир ба таври амиқ ва пайдарпай таҳлил намояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030»,

ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 тасдиқ шудааст, иҷро гардида, ҳамзамон мутобиқи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот аз асосноккунии хусусиятҳои умумӣ ва махсуси синнусолии шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, таҳлили танзими ҳуқуқии чораҳое, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон татбиқ мегарданд, инчунин таҳияи механизмҳои умумӣ ва махсуси пешгирии ҷинояткорӣ вобаста ба синну соли муайян иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо мақсади ноил шудан ба мақсади гузошташуда, ҳал намудани вазифаҳои зерин зарур буд:

– асоснок намудани муқаррарот дар бораи он ки синну сол метавонад ҳамчун омили криминологӣ баррасӣ шавад;

– муайян намудани хусусиятҳои биологӣ ва физиологии шахсияти ҷинояткор;

– ошкор намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии ҷинояткории ноболиғон;

– мушаххас намудани сабаб ва шароити ҷинояткорӣ миёни ноболиғон;

– пайгирии динамикаи ҷинояткорӣ дар синни ҷавонӣ ва калонсолӣ;

– гузаронидани таҳлили криминологӣ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ миёни ноболиғон;

– таҳияи чораҳои умумӣ ва махсуси профилактикӣ ҷиҳати пешгирии содиршавии ҷиноят аз ҷониби ҷавонон ва калонсолон.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо рафтори ҷиноятии шахсони синну соли гуногун вобаста мебошанд, инчунин фаъолияти пешгирии чунин рафтор ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ҳолати ҷиноятковириро миёни гурӯҳҳои синнусолии гуногун

тавсиф мекунанд; хусусиятҳои синнусолии ҷинояткорон; дараҷаи таъсири синну сол ба хусусият ва намудҳои рафтори ҷиноятӣ; чораҳои пешгирикунандаи ҷиноятҳое, ки аз ҷониби шахсони синну соли гуногун содир мегарданд; меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар қонунҳое, ки заминаи ҳуқуқии пешгирии ҷиноятҳоро ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Бо мақсади омӯзиши низомнок, ҳамаҷониба ва мукаммали хусусиятҳои криминологии синну соли ҷинояткорон, дар раванди таҳқиқот маълумоти омории марбут ба солҳои 2010-2023 истифода шудааст. Давраи таҳияи диссертатсия бошад, солҳои 2017-2024-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқарраროти асосии консепсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, инчунин корҳои илмие ташкил медиҳанд, ки бевосита ба объекти таҳқиқот марбутанд ва ба соҳаҳои назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазо, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, сотсиология, психология ва педагогика дахл доранд. Ҳамчунин маводи конфронсҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, ки ба масъалаҳои мавриди таҳлили муаллиф бахшида шудаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд.

Дар ҷараёни омодасозии ин кори илмии диссертатсионӣ, муаллиф аз корҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба таври васеъ истифода намудааст, аз ҷумла аз осори У.А. Азизов, Н.Б. Азимов, Ю.М. Антонян, А.А. Байбарин, Р.Б. Бахаев, С.Э. Баҳриддинзода, Ю.В. Владимирова, Т.Н. Волкова, Е.М. Илчикова, З.А. Камолов, В.О. Касимов, Н.А. Қудратов, В.В. Лисак, Ф.А. Меликов, А.В. Микляева, А.К. Назаров, И.С. Ной, А.И. Сафарзода, Х.Г. Ҷалолов, Т.Ш. Шарипов, Ш.М. Шарифзода, В.Е. Эминов ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумии илмӣ (таҳлил, диалектика) ва усулҳои махсуси илмӣ (муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-расмӣ ва оморӣ) ташкил медиҳанд, ки ба омӯзиши ҳамаҷониба ва асосноки масъалаҳои мавриди баррасӣ мусоидат мекунанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявие, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, масъалаҳои мубрамеро инъикос менамоянд, ки бо синну соли шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, иртибот доранд ва ба талабот ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика, криминология ва психология пурра мутобиқ мебошанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бар таҳлили амиқи амалияи татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти судӣ асос меёбад. Дар раванди таҳқиқот 100 ҳукмҳо, ки қувваи қонунӣ гирифтаанд ва аз ҷониби судҳои ноҳияҳои Сино, Шоҳмансур, Фирдавсӣ ва И. Сомонии шаҳри Душанбе, инчунин, Суди ҳарбии гарнизонии шаҳри Душанбе бароварда шудаанд, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Илова бар ин, таҳқиқот ба оморҳои расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилӣ, такя мекунад. Ҳамчунин гузоришҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории солҳои 2015-2022, ки аз ҷониби Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ пешниҳод шудаанд, инчунин маводҳои бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар таҷрибаи илми криминологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши таҳлили маҷмуии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои синнусолии шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, дар доираи рисолаи номзадӣ анҷом дода шудааст. Дар ин кор, ки як холигии назариявию амалии муҳимро пур мекунад, муносибати низомнок ба омӯзиши омили синну сол ҳамчун унсури детерминатсияи криминологӣ пешниҳод мегардад. Дар фарқият аз таҳқиқотҳои ҷудогонаи солҳои гузашта, ки ба ҷанбаҳои маҳдуди ҷинояткорӣ равона шуда буданд, дар ин диссертатсия як усули методологии навоварона истифода шудааст, ки дар он воситаҳои омори криминологӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ ва таҳлили иҷтимоию равоншиносӣ ба таври муттаҳид корбаст шудаанд. Ин усул имкон медиҳад, ки маълумотҳо: қонуниятҳои миқдории ҷинояткорӣ

(ҷудосозӣ аз рӯйи гурӯҳҳои синнусолӣ, ретсидивӣ) бо таҳлили сифатии ихтилофҳои ҳуқуқӣ ва ангезаҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ таъмин карда мешаванд. Муаллиф хусусиятҳои асосии гурӯҳи муайяни синнусолиро дар робита бо дигар гурӯҳҳои синнусолӣ таҳлил намуда, зарурати категориябандии гурӯҳҳои муайяни синнусолии шахсони ҷиноят содиркардаро асоснок кардааст. Таҳлили омилҳое, ки ба содиршавии ҷиноят дар синни муайян таъсир мерасонанд, инчунин механизмҳои пешгирии онҳо дар шакли комплексӣ анҷом дода шудааст.

**Нуктаҳо, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

1. Барои такмил додани сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки барои инсондустона гардонидани ҷазо, барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии такрори ҷиноятҳо равона гардидааст, таҳқиқи хусусиятҳои синну солии шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, аҳаммияти хеле калон дорад. Барои ба ҳисоб гирифтани маҷмӯи омилҳое, ки ба соҳаҳои демографӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар самтҳое, ки рушду пешрафти ҷомеа ва давлатро инъикос мекунанд, марбутанд, таҳияи чунин сиёсат нақши муҳим мебозад. Муайян намудани синну соли ҷинояткор дар ин раванд ҳангоми ҳалли масъалаҳои марбут ба озод кардан аз ҷавобгарӣ, бандубасти кирдор, интихоби ҷазо ва татбиқи он нақши муҳим дорад. Ғайр аз ин, ин меъёр ҳангоми баррасии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва банақшагирии чораҳо оид ба пешгирии намудҳои мушаххаси ҷиноятҳо ва паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ дар умум аҳаммияти калон дорад.

2. Ҳангоми таҳлили хусусиятҳои ахлоқию равонии ҷинояткорони калонсол муайян карда шуд, ки фаъолияти криминалии мардон бештар дар синни 40-солагӣ ва занон дар синни 35-солагӣ мушоҳида мегардад. Фаъолияти ҷиноятии калонсолон ба буҳрони синнусолӣ, яъне буҳрони «ногаҳонии синнусолӣ», ки дар як марҳилаи муайяни ҳаёт ба амал меояд, мувофиқат мекунад. Буҳрони криминалӣ метавонад дар синни 40-солагӣ (барои занон – аз 35-солагӣ) ба вуҷуд ояд; дар баъзе ҳолатҳо он метавонад каме пештар ё, баръакс, дертар зуҳур кунад.

Таҳқиқи хусусиятҳои синнусолии ҷинояткорон имкон медиҳад, ки муайян карда шавад, дар кадом давраи ҳаёт онҳо

бештар ба гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил ҷалб мегарданд ва дар ҳайати онҳо ҷиноят содир менамоянд. Бар асоси натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда, се гурӯҳи синнусолӣ муайян карда шуданд, ки дараҷаҳои гуногуни майл гардидан ба иттиҳодияҳои ҷиноятиро доранд:

а) фаъолнокии баланд – 16-17 сола;

б) фаъолнокии миёна – 18-21 сола;

в) фаъолнокии паст – 22-35 сола.

3. Дар байни занони синни 30 то 50-сола буҳрони равонии ҷиноятӣ бештар дар синни 35 то 40-солагӣ ба назар мерасад. Дар ин давра сабабҳои асосии содир гардидани ҷиноятҳо рафтори ҷабрдида, аз ҷумла ҳисси рашк, инчунин омилҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошанд. Пас аз синни 50-солагӣ, тақрибан ҳамаи ҷиноятҳо аз ҳиссиёти манфиати шахсӣ содир мегарданд.

Дар байни шахсони аз 35-сола боло, ки ба фаъолияти ҷиноятӣ ҷалб шудаанд, гурӯҳи бештар фаъолнокии криминалӣ дошта шаҳрвандони синни 35 то 60-сола ба шумор мераванд. Ин гурӯҳ намунаҳои устувори рафтори девиантиро нишон медиҳад: тақрибан нисфи онҳо қаблан суд шуда буданд, ки ин ба хусусияти системавии ҳаракатҳои ҷиноятии онҳо ишора мекунад. Ҷолиби диққат аст, ки тақрибан ҳар сеюмин ҷиноят дар ин гурӯҳ зери таъсири моддаҳои психоактивӣ – машрубот ё воситаҳои нашъадор содир мегардад, ки ин на танҳо вазнинии кирдорро зиёд мекунад, балки далели ноустувории иҷтимоии амиқ ва мутобиқ нашудани онҳо ба муҳити ҷомеа мебошад.

4. Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода, муаллиф як қатор чораҳои муассири пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳоро вобаста ба синну сол пешниҳод мекунад:

– бо кор таъмин намудани ҷавонон (мумкин аст, инчунин дар вақти холигӣ аз таҳсил) ва рушди низоми таҳсилоти касбӣ;

– дастгирии рушди соҳаи фароғат ва тарғиби арзишҳои ахлоқию маънавӣ миёни ҷавонон, хусусан ноболиғон, бо истифодаи фаъоли воситаҳои ахбори омма ва интернет;

– коҳиши мундариҷаи манфӣ дар ВАО (тарғиби зӯроварӣ ва бераҳмӣ), маҳдуд кардани дастрасӣ ба видео ва аудиоматериалҳо бо назардошти синну сол, таҳияи механизми танзими дастрасӣ ба

бозиҳои онлайн бо маҳдудияти «18+», манъ ва ҷорӣ кардани ҷавобгарӣ барои фурӯши бозиҳои видеоӣ бо маҳдудияти синнусолӣ ба ноболиғон ва наврасон;

– мубориза бо истеъмоли машрубот, воситаҳои нашъадор ва иштирок дар бозиҳои хатарнок миёни наврасон ва ҷавонон, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани муоинаҳои тиббӣ ва равоншиносӣ; пешгирии тамоюли ҷавонон ба худкушӣ, инчунин пешгирии ҷалби онҳо ба гурӯҳҳои зиддиҷамъиятӣ;

– фаъолсозии фаъолияти институтҳои ихтиёрӣ (волонтёрӣ) ва ҷалби ҷавонон ва ноболиғон ба онҳо, аз ҷумла густариши фаъолияти «Парламенти ҷавонони Тоҷикистон», «Гурӯҳҳои пешоҳанг (авангард) ва дигар созмонҳои ҷавонон.

Бо таҳлили масъалаҳои пешгирии ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ноболиғон ва ҷавонон содир мегарданд, муаллиф пешниҳод мекунад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

– Ба м. 60 , қ. 4 бо муқаррароти мазмуни зайл дошта илова карда шавад:

«4. Ҳангоми таъин намудани ҷазо нисбат ба ноболиғон ва ҷавонони то 25-сола, суд имконияти татбиқи ҷазоҳои марбут ба маҳрум сохтан аз озодиро баррасӣ намуда, ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро танҳо дар он ҳолат таъин менамояд, ки ислоҳи шахси мазкур тавассути истифодаи намудҳои дигари ҷазо имконнопазир бошад».

–дар қ. 1 м. 63, пас аз калимаҳои «ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ», ибораи «гунаҳгор ноболиғ ё ҷавони то 25-сола мебошад» илова карда шавад.

– Ба м. 65, қ. 5 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«5. Нисбат ба ноболиғон ва ҷавонони то 25-сола барои ҷиноятҳои нотамом ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намешавад. Дар ҳолате ки дар санксияи Қисми махсуси Кодекси мазкур дигар намудҳои ҷазо пешбинӣ нашуда бошанд, суд аз зумраи ҷазоҳои дар Қисми умумии Кодекси мазкур пешбинишуда ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набударо интихоб ва таъин менамояд».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои тақиқоти диссертатсионӣ ба рушди тасаввуроти илмӣ дар бораи хусусиятҳои синнусолии шахсоне, ки ҷиноят содир менамоянд, мусоидат намуда, андешаҳои консептуалии мавҷударо барои ҳалли масъалаҳои соҳа ғанӣ мегардонанд. Дар тақиқот вобаста ба вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои муҳими такмили чораҳои пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла таҳлили самаранокии механизмҳои ҳуқуқӣ, барномаҳои иҷтимоию равонӣ ва усулҳои пешгирии қаблии ҷинояткорӣ инъикос ёфтаанд. Ин ҳама заминаи лозимаро барои бознигарии стратегияҳои амалкунанда бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ, аз қабили тамоюлҳои демографӣ, омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ фароҳам меорад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои муаллиф, ки дар раванди таҳлили масъалаҳои марбут ба асосноккунии хусусиятҳои синнусолии ҷинояткор аз нуқтаи назари криминология ба даст омадаанд, инчунин тавсияҳои амалӣ, ки дар асоси онҳо барои фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба баланд гардидани самаранокии механизмҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми таълими фанни криминология, дар курсҳои махсус ва семинарҳое, ки ба масъалаҳои ҷинояткорӣ ва пешгирии он бахшида шудаанд, истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо таҳлили объективӣ ва ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои вобастагии ҷинояткорӣ ба синни шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, бо ҷалби маълумоти омории дахлдор тасдиқ мегардад. Хулосаҳои бадастомада бо пешниҳодҳо ва тавсияҳои назариявию амалӣ, ки аз ҷониби довталаб дар раванди таҳлили муқоисавии категорияҳои илмӣ, амалияи судӣ ва таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи мавриди омӯзиш асоснок шудаанд, исботи худро меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 –

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо омилҳои зерин муайян мегардад:** якум, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқарраротҳои асосӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз ҷониби муаллиф мустақилона асоснок гардидаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар пешниҳоди равиши нави илмӣ ба ҳалли масъалаҳои мубрам, ки ба қатегориябандии синнусолии ҷиноятҳо марбутанд, ифода меёбад, ки метавонад ба пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақолаҳо ва маърузаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод шудаанд:

а) Байналмилалӣ:

– IX Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Низоми ҳуқуқии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоюлҳо ва рушди минбаъда» – маърӯза дар мавзуи: «Мафҳуми синну сол ва аҳаммияти он дар тавсифи криминологии шахсияти ҷиноятккор». – Душанбе, 2021 с.;

– V Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳо ва самтҳои муосири илм, маориф ва инноватсия» – маърӯза дар мавзуи: «Хусусиятҳои криминологии ҷиноятккорони ноболиғ ва фаъолияти ҷиноятии онҳо» (ба забони англисӣ). – Таллин (Эстония), 2021 с.;

– XXI Озмуни байналмилалии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ – мақола дар мавзуи «Масъалаҳои криминологии пешгирии ҷиноятккорӣ, ки бо синни ноболиғон алоқаманданд». – Москва, 2021 с.;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Таҳқиқотҳои илмии муосир: назария, методология ва амалия» – маърӯза дар мавзуи: «Баъзе масъалаҳои хусусиятҳои криминологии шахсияти ҷиноятккорони ҷавон». – Уфа, 2022 с.;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назариявӣ ва амалии он», бахшида ба

Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – маърӯза дар мавзуи: «Тағйироти сатҳи ҷинояткорӣ, ки аз ҷониби ноболиғон содир мегардад». – Душанбе, 2024 с.

б) Ҷумҳуриявӣ:

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ: рушд ва масоилҳо» –маърӯза дар мавзуи: «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба забон». – Душанбе, 2021 с.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда дар 9 мақолаи илмӣ, ки аз ҷониби муаллиф нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8-тояш дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки аз шаш параграф иборат аст, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 192 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

**Дар боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявии таъсири синну сол ба рафтори ҷиноятӣ»,** ки аз ду зербоб иборат аст, диққати асосӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи омили синну сол ҳамчун унсури калидии тавсифи шахсияти ҳуқуқвайронкунанда равона шудааст. Дар ин қисмат, ба мушкилиҳои методологии муайян намудани ҳудди синнусолии қобилияти криминалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, ки дар он андешаҳои баҳснок оид ба синни ҳадди ақали ҷавобгарии ҷиноятӣ ва гуногунии меъёрҳои синнусолӣ дар низомҳои ҳуқуқии кишварҳои мухталиф баррасӣ мешаванд.

**Зербоби аввал зери унвони «Нақши синну сол дар ташаккули шахсияти ҷинояткор: синнусол ҳамчун омили криминологӣ»** пешниҳод шудааст. Дар он муаллиф таъкид

мекунад, ки дар илми криминология омӯзиши шахсияти ҷинояткор аҳаммияти махсус дорад. Ин самти муҳими таҳлили байнисоҳавӣ буда, маҷмӯи ҷанбаҳои ба ҳам алоқамандро фаро мегирад, аз ҷумла: нишондодҳои иҷтимоию демографӣ (синну сол, ҷинс, сатҳи таҳсилот, вазъи иқтисодӣ); хусусиятҳои ахлоқию равонӣ (самтгирии арзишҳо, идоракунии эҳсосот, таҳрифҳои маърифатӣ); намунаҳои нақшавии рафтор дар заминаи динамикаи гурӯҳӣ ё муносибатҳои оилавӣ.

Синну сол ҳамчун нишондоди мураккаби шахсияти ҷинояткор бояд бо дарназардошти омилҳои биологӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ таҳлил карда шавад, зеро ҳамаи онҳо ба ташаккули шахсият таъсири муайян мерасонанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки масъалаи дараҷаи таъсири омилҳои биологӣ (масалан, хусусиятҳои нейрофизиологӣ, тағйироти гормоналӣ) ва иҷтимоӣ (тарбия, муҳит, шароити иқтисодӣ) ба ташаккули рафтори девиантӣ дар гурӯҳҳои синнусолии гуногун то ҳол баҳсталаб боқӣ мондааст. «Баъзе олимон равиши биологиро дар асосноккунии рафтори ҷиноятӣ рад мекунанд, дар ҳоле ки дигарон исбот менамоянд, ки таъсири омилҳои биологӣ хусусияти доимӣ дорад». Дар адабиёти криминологӣ ин масъала баҳснок мебошад, зеро мавқеи ягона оид ба робитаи байни омилҳои иҷтимоӣ ва биологӣ ба рафтори шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, ва мутаносибан ба синни ӯ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, як чиз бешубҳа аст: хусусиятҳои синнусолии субъектҳо бо меъёрҳои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ алоқаманд буда, синну сол дар заминаи оқибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба назар гирифта мешавад.

Ба андешаи муаллиф, таҳлили хусусиятҳои синнусолии ҷинояткор дар доираи таҳқиқоти криминологӣ аҳаммияти калидӣ дорад, зеро пешгирии самарабахши ҷинояткорӣ фаҳмиши амиқи омилҳои шахсиятиро, ки асоси рафтори ҷиноятиро ташкил медиҳанд, талаб мекунад.

Тезиси асосӣ дар он аст, ки шахсияти ҷинояткор звенои марказӣ дар механизми содир кардани ҷиноят мебошад. Аз ин рӯ, маҷмӯи хусусиятҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва биологии шахс

заминаи ангезавии ӯро барои вайрон кардани қонун муайян мекунад. Омӯзиши ин хусусиятҳо имкон медиҳад, ки омилҳои барангезандаи рафтори ҷиноятӣ муайян ва чораҳои мақсадноки пешгирӣ ва ислоҳ таҳия шаванд, ки ба безарар гардондани майлҳои деструктивии шахсият равона мегарданд.

Дар диссертатсия зикр мегардад, ки синну сол объекти омӯзиши соҳаҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла биология ва психология то сотсиология ва демография қарор гирифтааст. Ҳар яке аз ин соҳаҳо синну солро аз нуқтаи назари методологияи худ, консепсияҳои назариявӣ ва истилоҳоти махсуси худ таҳлил менамояд. Масалан, дар биология диққат асосан ба тағйироти физиологӣ равона мешавад; дар психология – ба рушди маърифатӣ ва эҳсосӣ; дар сотсиология бошад – ба нақш ва интизориҳои иҷтимоие, ки бо марҳилаҳои синнусолӣ вобастаанд. Ин гуногунрангии байнисоҳавӣ тасаввуроти мухталифро дар бораи синну сол ба вуҷуд меорад: ҳамчун ҳолати биологӣ; сохтори иҷтимоӣ; марҳилаи расидан ба камолоти равонӣ. Чунин гуногунфаҳмӣ на танҳо бисёрҷабҳа будани мафҳуми «синну сол»-ро инъикос мекунад, балки набудани таърифи умумиқабулшудаи онро низ нишон медиҳад, ки ин барои ҳар як соҳаи илм, аз ҷумла барои криминология, аҳаммияти махсус дорад.

Таҳлили хусусиятҳои синнусолии шахсияти ҷинояткор барои рушди сиёсати ҷиноятӣ аҳаммияти бузург дорад, зеро сиёсати муосири ҷиноятӣ бояд ба таҳкими принсипҳои инсондустӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ, самаранокии ислоҳи маҳкумшудагон ва паст кардани сатҳи ҷиноятгорӣ дар ҳолати ретсидив равона бошад. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс бидуни ба ҳисоб гирифтани синни ӯ, ки дар криминология ҳамчун унсури ҳатмии ҷиноят баррасӣ мегардад, ғайриимкон аст.

Таъкид мегардад, ки синну сол ҳамчун яке аз нишондодҳои асосии шахсияти ҷинояткор падидаи мураккаб буда, дар худ унсурҳои миқдорӣ (хронологӣ) ва сифатӣ (иҷтимоию равонӣ)-ро муттаҳид месозад.Аз як тараф, синну сол нишондиҳандаи расидан ба сатҳи муайяни рушду

инкишофи биологӣ мебошад, ки қобилиятҳои ҷисмонӣ, дараҷаи инкишофи низоми асаб ва тағйироти гормоналиро дар бар мегирад. Ин омилҳо бевосита ба қобилияти шахс барои содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ таъсир мерасонанд. Аз тарафи дигар, синну сол нишондоди рушди иҷтимоии инсон аст: аз рӯйи синну сол метавон ба таври тахминӣ дар бораи арзишҳои равонию эҳсосӣ, сифатҳои шахсӣ, ҳудуди хоҳишҳо, инчунин қобилияти тафаккур ва дарки оқибатҳои кирдорҳои худ хулоса баровард.

Хусусиятҳои синнусолии шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, объекти мустақили таҳлили криминологӣ ба шумор меравaнд. Бар хилофи дигар хусусиятҳои инфиродии шахсият, ба ҳисоб гирифтани ин ҷанбаҳо аҳаммияти бузурги амалӣ дорад, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки чораҳои фарққунанда ва мақсадноки ҳуқуқӣ ва иҷтимоию равонӣ таҳия карда шаванд.Чунин ҷанбаҳои синнусолӣ, мисли сатҳи иҷтимоисозӣ, камолоти эҳсосию иродӣ ва қобилияти худинъикос (рефлексия), бояд ҳатман ҳангоми интихоби стратегияи пешгирӣ, таъини ҷазо ё мутобиқгардонии иҷтимоии шахсият пас аз адои ҷазо ба назар гирифта шаванд.Ба андешаи муаллиф, синну сол метавонад ҳамчун як нишондиҳандаи муҳими эҳтимоли рафтори ҷиноятӣ баррасӣ гардад, ки бо ёрии он метавон муайян кард, ки оё шахсият дар ин ё он марҳилаи ташаккулёбии худ қобилияти содир намудани ҷиноятро дорад. Ҳамаи гуфтаҳои боло ба хулоса меоранд, ки тавсифи объективии шахсияти ҷинояткор бо ба назар гирифтани ҳатмии хусусиятҳои синнусолии ӯ барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ бо дарназардошти хусусиятҳои равонию физиологии рушди инсон зарур буда, он заминаи ташаккули сиёсати ҷиноятии инсондустона ва самаранокро фароҳам меорад.

**Дар зербоби дуюм – «Ҷинояткорӣ ва синни шахсияти ҷинояткор: хусусиятҳои биофизиологии шахсияти ҷинояткор»** – муаллиф, бо такя ба таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, таъкид мекунад, ки илми муосири криминология чор самти асосиро фарқ менамояд, ки бо ёрии онҳо шахсияти ҷинояткор муайян

карда мешавад. Масалан, аломати иҷтимоию-демографӣ: ҷинс, синну сол, вазъи оилавӣ, вазъи моддӣ, сатҳи таҳсилот, мансубияти этникӣ, шуғл ва пайдоиши иҷтимоиро дарбар мегирад. Иштироки инсон дар сохторҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба доираи самти иҷтимоӣ дохил мешавад ва ба он метавон оила, иттиҳодияҳои ҷудогона ва гурӯҳҳои гуногунро дохил намуд. Тавсифи амиқи шахсият метавонад самтҳои ахлоқию равониро бо назардошти эътиқод, ҷаҳонбинӣ, афзалиятҳои ҳаётӣ, ангезаҳо дар бар гирад, илова бар ин, ба он инчунин метавон меъёрҳоро, ки ба ташаккули рафтори ҷиноятӣ дар асоси хусусиятҳои синнусолӣ таъсир мерасонанд, ворид намуд. Самтҳои ҳуқуқию ҷиноятӣ – ин ҷалби диққат ба тавсифи криминалии шахсият (мавҷудияти доғи судӣ, ретсидив) ва дигар омилҳои вобаста ба фаъолияти ҷиноятӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ба ҳисоб гирифтани ҳамаи самтҳои зикршуда ба ташаккули симои пурраи шахсияти ҷинояткор мусоидат мекунад. Таҳлили ҷиноятҳое, ки аз ҷониби шахс дар давраҳои гуногуни синнусолӣ содир шудаанд, имкон медиҳад, ки дар бораи қонуниятҳои зерин сухан ронем: дар гурӯҳи синнусолии тақрибан 40-сола сатҳи устувори баланди ҷинояткории ретсидивӣ мушоҳида мегардад. Ин фактро метавон бо фаро расидани ба ном «бӯҳрони синни миёна» тавзеҳ дод, ки зери он бозбинӣ ва азнавбаҳогузории равонӣ ва иҷтимоии арзишҳои ҳаётӣ, ки бо ноустувории эҳсосӣ ҳамроҳӣ мекунад, фаҳмида мешавад. Таҳқиқотҳо дар соҳаи криминологияи синнусолӣ нишон медиҳанд, ки дар ин давра дар шахсони дорои гузаштаи ҷиноятӣ намунаҳои рафтори зиддиҷамъиятӣ фаъол мегарданд. Аксар вақт ин метавонад бо ҷамъшавии норозигии иҷтимоӣ, азнавбаҳогузории шароити зиндагӣ, афзоиши фишор аз ҷониби ҷомеа ё унсурҳои ҷиноятӣ алоқаманд бошад.

Муаллифи диссертатсия, бо дарназардошти аҳаммияти махсуси синни ҷинояткор барои таҳияи механизмҳои пешгирии ҷинояткорӣ, таҳқиқоти криминологӣ анҷом додааст, ки дар доираи он 100 ҳукми судӣ оид ба ҷиноятҳои аз

ҷониби шахсони гурӯҳҳои синнусолии гуногун содиргардида таҳлил карда шудаанд. Дар асоси таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба сатҳи таҳсилоти ҷинояткорон қонуниятҳои муайян дар содиршавии ҷиноятҳо ошкор гардиданд:

– аз 100 ҷинояти содиршуда муайян гардид, ки онҳо аз ҷониби шахсони зерин содир шудаанд:

– бо таҳсилоти нопурраи миёна – 13 нафар ё 13%;

– бо таҳсилоти миёна – 46 нафар ё 46%;

– бо таҳсилоти миёнаи махсус – 5 нафар ё 5%;

– бо таҳсилоти нопурраи олӣ – 2 нафар ё 2%;

– бо таҳсилоти олии касбӣ – 34 нафар ё 34%.

Тавре аз маълумоти овардашуда бармеояд, пеш аз ҳама, ҳангоми таҳлили рафтори ҷиноятии шахсият синни ӯ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, зеро он нишондиҳандаи марҳилаҳои камолоти психофизиологӣ мебошад. Дар ҳар як марҳилаи рушд – аз наврасӣ то ба камолоти пурра расидан намунаҳои махсуси рафтор ташаккул меёбанд, ки онҳо аз тағйироти биологӣ, эҳсосӣ ва маърифатӣ вобастаанд. Ҳамаи ин тағйироти синнусолӣ дар давраҳои буҳронӣ шиддат мегиранд ва ба пайдоишу таҳкими сифатҳои манфии ахлоқию равонӣ, ки дар рафтори ғайриқонунӣ ва ҷиноятӣ зоҳир мешаванд, мусоидат менамоянд.

Дуюм, ангезаҳо, хоҳишҳо ва одатҳои шахсро метавон дар давраҳои гуногуни синнусолӣ бо такя ба хусусиятҳои равонии шахсияти ҷинояткор муайян кард. Дар навбати худ, ташаккули ангезаи рафтори ҷиноятӣ ва амалӣ гардидани он дар бисёр мавридҳо аз хусусиятҳои синнусолии шахсият вобаста аст, ки мақоми иҷтимоии ӯро муайян мекунанд. Ин мақом, ки таҳти таъсири омилҳои объективӣ (меъёрҳои иҷтимоию фарҳангӣ, қоидаҳои ҳуқуқӣ ва марҳилаҳои роҳи зиндагӣ) ташаккул меёбад, аз ҷониби шахс ба таври субъективӣ – тавассути ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва таҷрибаи шахсӣ дарк ва арзёбӣ мегардад.

Сеюм, дар тавсифи синнусолии ҷинояткор омили ҷинсӣ нақши муҳим мебозад. «Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мардон ба фаъолияти ҷиноятӣ ба ҳисоби миёна 3-5 сол пештар

аз занон ҷалб мешаванд (авҷи фаъолият дар синни 16-21 солагӣ мушоҳида мегардад). Аммо фарқиятҳои назаррас на танҳо дар синну сол, балки дар сатҳи таҳсилот низ дида мешаванд. Таҳсилоти ҳам мардон ва ҳам заноне, ки ҷиноят содир кардаанд, асосан нопурра ё миёнаи махсус аст; онҳо, одатан, манбаи доимии даромад надоранд ва дар шаҳрҳо ё марказҳои ноҳия зиндагӣ мекунанд. Афзоиши устувор, вале мӯътадили шумораи ҷиноятҳое, ки аз ҷониби шахсони синнашон аз 50 боло содир мешаванд, ба тамоюли «пиршавии ҷинояткорӣ» ишора мекунад, ки ин падида махсусан дар мисоли фаъолшавии ҷинояткории занон равшан ба назар мерасад. Дар ҳамин ҳол, динамикаи тағйироти синнусолии мардон ва занон дар маҷмӯъ ба ҳам монанд аст.

**Дар боби дуюм – «Таҳқиқоти криминологии нақши синну сол дар рафтори ҷинояткор»** масъалаҳои хусусиятҳои криминологии фаъолияти шахсияти ҷинояткор дар давраҳои гуногуни синну сол: ноболиғӣ, ҷавонӣ, камолот ва пирӣ баррасӣ мешаванд.

**Дар зербоби якум – «Нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии ҷинояткории ноболиғон: сабаб ва шароити ҷинояткории ноболиғон»** муаллиф баён медорад, ки хусусиятҳои синнусолии шахсият ба ташаккули характери ӯ ва интихоби самтҳои ҳаётӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Синну сол на танҳо бо тағйироти физиологӣ, балки бо тағйирёбии намунаҳои рафтор, доираи манфиатҳо ва имкониятҳои иҷтимоӣ низ алоқаманд аст.Масалан, дар давраи ҷавонӣ инсон мекӯшад, ки касбиояндаи худро муайян намояд, барои ин маълумоти мувофиқ гирад ва мавқеи худро дар ҷомеа пайдо кунад. Дар солҳои камол, одатан масъалаҳои таъсиси оила, рушди фаъолияти меҳнатӣ ва пешрафти касбӣ ҳал мешаванд. Ҳамин тариқ, дар ҳар як марҳилаи ҳаёт наёфтани роҳҳои қонунии қонеъ гардондани эҳтиёҷҳо метавонад инсонро ба истифодаи усулҳои мухолифи арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ водор созад.

Дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ ва таҳлили криминологӣ синну сол аҳаммияти махсус ва бузург дорад.

Пеш аз ҳама, он ҳамчун меъёри асосӣ барои муайян намудани қобилияти ҷиноятии шахсият, яъне қобилияти дарк намудани хилофи қонун будани кирдор ва бар дӯш гирифтани оқибатҳои ҳуқуқии он, хизмат мекунад. Дар айни замон, меъёрҳои қонунгузорӣ ҳадди синну солро дақиқ муайян мекунанд, ки ҷавобгарии маъмуриро аз ҷиноятӣ ҷудо месозад, ва ин принсипи инсондустиро дар ҳуқуқтатбиқнамоӣ инъикос менамояд.

Таҳлили ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои иҷтимоию демографӣ (синну сол, таҳсилот, вазъи оилавӣ) ва нишонаҳои ҳуқуқию ҷиноятӣ (доғи судӣ, ангеза, усули содир намудани ҷиноят) бо истифода аз маълумоти манбаъҳои боэътимод, бешубҳа, ба пешбинии самараноки кирдорҳои ҷиноятӣ ва пешгирии онҳо мусоидат мекунад. Дар баробари ин, муаллиф таъкид мекунад, ки ҳар қадар маълумот аз манбаъҳои зиёдтар , мисли ҳуҷҷатҳои судӣ, пурсишҳои сотсиологӣ ва санҷишҳои равоншиносӣ гирифта шавад, ҳамон қадар натиҷаҳои таҳлил боэътимодтар хоҳанд буд.

Дар тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии шахсияти ҷинояткор дар заминаи кирдори содиршудаи ҷиноятӣ ҷиҳати синнусолӣ аҳаммияти махсус дорад. Ин ба зарурати омӯзиши амиқи шахсияти ҷинояткор бо мақсади муайян намудани ангеза, сабаб ва механизмҳои ташаккули рафтори ҷиноятии ӯ вобаста аст. Дар ҷараёни чунин таҳлил маҷмӯи нишондодҳе истифода мешавад, ки тағйирёбии манфии шахсиятро дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон медиҳанд.

Муаллиф муфассал масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои криминологии шахсияти ҷинояткорони ноболиғ ва фаъолияти ҷиноятии онҳоро баррасӣ менамояд. Таъкид мегардад, ки барои муқовимати самаранок ба ҷинояткории наврасон зарур аст, ки хусусияти ҷиноятҳои содиршуда аз ҷониби ноболиғон дар гурӯҳҳои синнусолии 14-15 ва 16-17 сола амиқ омӯхта шавад. Чунин таҳлил на танҳо имкони ошкор кардани хусусиятҳои рафтори ҷиноятии онҳо, балки таҳияи чораҳои мақсадноки пешгириро низ фароҳам меорад. Дар ин маврид, аҳамияти махсусро омӯзиши тағйироти психофизиологӣ ва

иҷтимоӣ, ки дар раванди ба камол расидани ноболиғон рӯҳ медиҳанд, пайдо мекунад. Дар давраи наврасӣ шахсият босуръат ташаккул меёбад: қобилиятҳои маърифатӣ, эҳсосот ва низоми арзишҳо тағйир меёбанд. Ҳамзамон, таъсири оила, муҳити таълимӣ ва гурӯҳи ҳамсолон низ дар сатҳҳои гуногун дигаргун мешавад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи ҷинояткории ноболиғон тамоюли болоравӣ дорад. Тибқи иттилои Вазорати корҳои дохилӣ ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022 аз ҷониби ноболиғон 729 ҷиноят содир шудааст (аз ҷумла, 37 аз ҷониби духтарон ва 692 аз ҷониби писарон), ки ин 26 ҳолат (ё 3,5%) камтар нисбат ба соли 2021 мебошад.

Ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон мушкилоти байнисоҳавӣ мебошад, ки дар доираи соҳаҳои гуногуни илм таҳқиқ карда мешавад. Масалан, сотсиология омилҳои иҷтимоиро «таъсири оила, таҳсилот, муҳити зист ва шароити иқтисодӣ, ки ба рафтори девиантӣ мусоидат мекунанд; психологияи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ – ангезаҳо, ҳолатҳои эҳсосӣ ва таҳрифҳои маърифатии наврасон, инчунин дарки онҳо аз меъёрҳои ҳуқуқиро таҳлил менамояд; ҳуқуқшиносӣ бошад, механизмҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва ҷазоро омухта қонунгузориро ба хусусиятҳои синнусолии ноболиғон мутобиқ месозад; психиатрия бошад, бемориҳои рӯҳӣ ва психопатологияҳоеро, ки метавонанд сабаби кирдорҳои ғайриқонунӣ гарданд, мавриди таҳлил қарор медиҳад».

Омили синнусолӣ ба интихоби рафтори ҷиноятӣ таъсир мерасонад. Агар ба намудҳои мушаххаси ҷиноятҳое назар афканем, ки аз ҷониби ҷавонон содир шудаанд, танҳо дар нуҳ моҳи соли 2023 (3367 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст), аз онҳо: 170 (5,05%) – ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ (м.м. 104-129 КҶ ҶТ); 1020 (30,29%) – ба муқобили моликият (м.м. 244-257 КҶ ҶТ); 86 (2,55%) – ҷиноятҳо, марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор (м.м. 200-205 КҶ ҶТ); 62,11% боқимонда дигар намудҳои кирдорҳои ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Дар натиҷа метавон хулоса кард, ки фаъолияти ҷиноятии ноболиғон махсусан ҳангоми содир

намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин баланд аст. Дар байни субъектҳои ошкоршудаи ҷиноятҳо саҳми калонро ҷавонон ташкил медиҳанд ва дар солҳои охир ҷинояткорони ҷавон бештар ба ҳаракатҳои зӯроварона майл пайдо кардаанд.

Тибқи таҳқиқоти муаллиф, «содир гардидани ҷиноятҳо аз ҷониби ҷавононро сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иҷтимоию равонӣ, манзилию шахсӣ ва оилавӣ, номукамаллии қонунгузорӣ, назорати нокифояи иҷтимоию ҳуқуқӣ ва самаранокии пасти мубориза бо ҷинояткорӣ мусоидат кардаанд. Дар навбати худ, маҷмӯи омилҳои криминогенӣ самтҳои асосии мубориза бо ҷинояткории ҷавононро муайян мекунад».

**Дар зебоби дуюм – «Динамикаи ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон ва калонсолон»** зикр мегардад, ки «аз нуқтаи назари криминологияи анъанавӣ, бештар ба содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ ҷавонони синни аз 18 то 30-сола майл доранд. Бо вуҷуди ин, ҷудо кардани гурӯҳҳои синнусолии ҷинояткорон нисбӣ мебошад, зеро ба таркиби онҳо метавонанд шахсоне дохил шаванд, ки вобаста ба хусусиятҳои синнусолии худ аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ахлоқию равонӣ фарқияти зиёд доранд. Омори ҷинояткорӣ нишон медиҳад, ки қисми назарраси ҷиноятҳо ба ҷавонони синни аз 18 то 29-сола рост меояд. Дар ин замина, муҳаққиқон ин гурӯҳи синнусолиро шартан ба ду зергуруҳ ҷудо мекунанд: 18-24 сола ва 25-29 сола». Ин ҷудосозӣ бо фарқиятҳои иҷтимоию равонӣ, сатҳи мустақилият ва шароити зиндагии ҷавонони ҷинояткор вобаста аст.

Ҷинояткории ҷавонон бахши алоҳидаро дар сохтори ҷинояткорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ишғол менамояд, ки тамоюли устувори рушд дошта, саҳми назаррасро дар омори умумии ҷиноятҳо ишғол мекунад. Хусусияти асосии ҷинояткории ҷавонон – тағйирёбии доимии нишондиҳандаҳои сифатии он мебошад. Дар ин маврид муаллиф ангезаҳо, усулҳои содир намудани кирдор ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳоро дар назар дорад, ки амалан хусусияти

доимо тағйирёбанда доранд.Дар муқоиса бо ҷинояткории гурӯҳҳои дигари синнусолӣ, ҷинояткории ҷавонон бо дараҷаи баланди пинҳонӣ (латентӣ), хусусияти гурӯҳӣ ва таъсири назаррасӣ омилҳои зерфарҳангӣ (субкултура) фарқ мекунад.

Сипас муаллиф таъкид менамояд, ки бештари кирдорҳои зиддиқонунӣ дар байни калонсолон ва пиронсолон ба гурӯҳи синнусолии 36-49-сола рост меояд, ки ин имкон медиҳад онро калидӣ дар сохтори синнусолии ҷинояткорӣ шуморем. Аз нигоҳи тақсимоти ҷинсӣ, одатан мардон дар омори ҷиноятӣ бартарӣ доранд, вале ҳамзамон саҳми ғайричашмдошти баланди занон дар фаъолияти ҷиноятӣ низ мушоҳида мешавад.Тағйироти синнусолӣ, махсусан дар давраҳои буҳронҳои ҳаётӣ (масалан, давраи гузариш, буҳрони синни миёна ё пиршавӣ) дар якҷоягӣ бо омилҳои манфии иҷтимоӣ ва экологӣ метавонанд ба намунаҳои рафтори инсон, аз ҷумла ба шаклҳои девиантӣ ва зиддиқонунӣ, таъсири назаррас расонанд. Муаллиф диққат медиҳад, ки аксари ҷинояткорон дар давраи охири наврасӣ ва синни пирӣ нишонаҳои возеҳи бемориҳои рӯҳӣ надоранд, ки асос барои дахолати маҷбурии тиббӣ гарданд. Ин ҳолат таъсири мутақобилаи мураккаби омилҳои биологӣ, равонӣ ва иҷтимоиро дар ташаккули рафтори ҷиноятӣ нишон медиҳад. Бо зиёд шудани синну сол, дар инсон метавонад низоми меъёрҳои ахлоқӣ ва ҷаҳонбинӣ тағйир ёбад. Калонсолон дар арзёбиҳои худ қатъӣ ва эҳсосотӣ мешаванд ва метавонанд ба он чизе, ки ноодилона ё нодуруст мешуморанд, шадидан вокуниш нишон диҳанд. Ин гуна вокуниш аз таҷрибаи зиндагӣ ва хоҳиши ҳифзи арзишҳои шахсӣ сарчашма мегирад. Воқеан, бо гузашти синну сол қобилияти идоракунии рафтор ва арзёбии дурусти вазъият метавонад дар баъзе ҳолатҳо коҳиш ёбад. Аз ин рӯ, дар амалияи ҳуқуқӣ ва тиббӣ муҳим аст, ки ин меъёрҳо ба назар гирифта шаванд, зеро шахс бояд барои кирдорҳои худ ҷавобгарӣ дошта бошад. Ҳамзамон, дар баъзе ҳолатҳо вобаста ба синну сол мумкин аст тағйиротҳое рӯх диҳанд, ки метавонанд ба бемасъулиятии шахс оварда расонанд.

Новобаста аз тамоюли умумии коҳиши фаъолнокии ҷиноятӣ дар байни шахсони аз 50-сола боло, маълумоти оморӣ ҳамзамон як воқеияти ҷолибро тасдиқ мекунад: шахсоне, ки аз ин марзи синнусол гузаштаанд, нисбат ба онҳое, ки тоза ба синни 50 расидаанд, бештар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир мекунанд. Ин зуҳурот ҳам дар байни мардон ва ҳам дар байни занон мушоҳида мешавад, ки аз хусусияти умумии он шаҳодат медиҳад. Ин раванд метавонад бо фишори доимии иҷтимоию иқтисодӣ (масалан, аз даст додани ҷойи кор, буҳрони ҳувияти шахсӣ), тағйироти равонӣ ё иштирок дар сохторҳои ҷиноятӣ вобаста бошад. Масалан, шахсони аз 60-сола боло бештар дар амалҳои қаллобӣ ё ҷиноятҳои молиявӣ иштирок мекунанд, дар ҳоле ки шахсони 50-сола бештар ба амалҳои зӯроварона дар заминаи маишӣ майл доранд.

Дар кори илмӣ зикр мегардад, ки «дар омори расмии ҷиноятӣ ба ҷинояткорони калонсол шахсони синнашон аз 30 то 49-сола ва ҳамчунин аз 50-сола боло мансуб дониста мешаванд». Дар ин маврид, мавқеи ҳуқуқшиноси рус Лунеев В.В. ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ба гуфтаи ӯ, «тақсимоти синнусолӣ дар омори расмӣ, ки маълумоти дақиқ ва фаҳмо намедиҳад, аз нигоҳи таҳлили минбаъдаи маълумотҳои оморӣ на танҳо тасвири воқеии ҷинояткориро таҳриф мекунад, балки ба монеаи ҷиддӣ барои муборизаи самаранок бо ҷинояткорӣ табдил меёбад». Дар ин замина пешниҳод мегардад, ки хусусиятҳои муҳимтарини психофизиологии ҷинояткорон дар марҳилаҳои гуногуни синни калонсолӣ ҷамъбаст карда шуда, давраҳои фаъолиятҳои ҷиноятии онҳо муайян карда шаванд.

Синни буҳронӣ барои зан ҳангоми содир намудани ҷиноятҳо аз 36 то 49-солагӣ ба ҳисоб меравад, зеро маҳз дар ҳамин давра қисми зиёди ҷиноятҳо аз ҷониби занон содир мешаванд. Сабабҳои содир гардидани ҷиноятҳои зӯроварона дар ин синну сол бештар бо рафтори иғвогаронаи ҷабрдида вобастаанд. Дар баъзе ҳолатҳо сабаби содир намудани ҷиноят дар чунин синну сол рашк аз ҷониби занон мебошад. Дар синну солҳои дигар сабаби содир гардидани ҷиноят аз тарафи

занон мумкин аст гуногун бошад. Масалан, дар синни 50-55 солагӣ, ангезаи асосии ҷиноятҳо ниёзмандӣ ва дигар намуди ангезаҳо мебошад. Дар ҳамин синну сол, аксари ҷиноятҳо аз ҷониби занон бештар бо ангезаи ҳавасмандии шахсӣ содир мешаванд. Бо дарназардошти он ки қисми зиёди ангезаҳои кирдори ҷиноятӣ байни шахсони ҷиноят содирнамуда бо сабаби падидаи «аз даст додани худ»-и шахсият сарчашма мегиранд, омӯзиши амиқи ҳолати равонию эҳсосӣ зарурати як равиши низомнокро талаб месозад, ки бояд ҳам гурӯҳи занон ва ҳам мардонро дар бар гирад.

**Дар боби сеюм – «Механизми пешгирии ҷинояткорӣ вобаста ба меъёри синну сол»** таҳлили ҳамаҷонибаи усулҳои криминологии пешгирии ҷиноятҳое, ки ҳам аз ҷониби ноболиғон ва ҳам аз ҷониби калонсолон содир мешаванд, гузаронида мешавад. Дар асоси хусусиятҳои синнусолӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ ба омӯзиши стратегияҳои пешгирии ҷинояткорие, ки қаблан таҳия шудаанд, диққати махсус дода шудааст. Дар диссертатсия сабабҳое, ки ба рафтори ҷиноятии ин гурӯҳҳои синнусолӣ мусоидат мекунанд, мисли носозгории оилавӣ, ангезаҳои иқтисодӣ, омилҳои криминогенӣ ва таҳрифи самтгирии арзишҳо таҳлил карда мешаванд. Зикр мегардад, ки масъалаи ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирии ҷинояткорӣ ба коҳиши сатҳи ҷинояткорӣ равона шудааст.

**Дар зербоби якум – «Пешгирии криминологии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон»** таъкид карда мешавад, ки омӯзиши масоили криминологие, ки дар тадқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ шудааст, дар ниҳоят ба ҳадафи асосӣ – пешгирии ҷинояткорӣ дар байни шахсони гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ нигаронида шудааст. Пешгирии фаъолияти ҷиноятӣ ҷузъи ҷудонашавандаи илми криминология мебошад, ки пеши худ доираи васеи вазифаҳоро мегузорад, ки аз таҳлили оддии ҷинояткорӣ берун мераванд. Мақсади асосии ин илм дар таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳое, ки ҷинояткориро ба вуҷуд меоранд, аз шароити иҷтимоию иқтисодӣ то хусусиятҳои фардии равонии шахсият,

инчунин дар пешгӯии динамикаи зуҳуроти ҷиноятӣ ва муайян кардани хусусиятҳои тағйирёбии онҳо дар ҷомеаи муосир иборат аст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки пешгирии ҷинояткорӣ татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро дар назар дорад, ки аз ҷониби давлат, созмонҳои ҷамъиятӣ ё субъектҳои алоҳидаи пешгирии ҷинояткорӣ бо мақсади пешгирии содиршавии ҷиноятҳо амалӣ карда мешаванд. Илова бар ин, дар кор динамикаи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон таҳлил карда мешавад. Дар асоси таҳқиқоти вобаста ба пешгирии ҷинояткорӣ дар баъзе минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки сатҳи ҷинояткорӣ нисбат ба соли 2021 ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Дар ин бора нишондодҳои зерин оид ба ҷиноятҳои содиршуда аз ҷониби ноболиғон шаҳодат медиҳанд: одамкушӣ – 2 ҳолат (дар соли 2021 – 3); қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ – 7 (дар соли 2021 – 14); таҷовуз ба номус – 1 (дар соли 2021 –4); ҳаракати зуроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ– 7 (дар соли 2021 – 9); муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор – 2 (дар соли 2021 – 4); дуздӣ – 505 (дар соли 2021 –528); қаллобӣ – 6 (дар соли 2021 –12); ғоратгарӣ – 13 (дар соли 2021 – 14); роҳзанӣ – 0 (дар соли 2021 – 5); авбошӣ – 86 (дар соли 2021 – 86); дигар ҷиноятҳо – 108 (дар соли 2021 – 84).

Пешгирии умумииҷтимоии ҷинояткорӣ ба як қатор чораҳои гуногун вобаста аст (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, фарҳангию маърифатӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра), ки бояд якдигарро пурра намоянд. Дар ҳолати риояи ин шароит, таъсири зиддикриминогенӣ ба рафтори шахсият афзоиш меёбад, ки ин бошад натиҷаҳои интизории мусбатро ба даст меорад.

Пешгирии самарабахши ҷиноятҳо дар байни ноболиғон ва ҷавонон, аз ҷумла пешгирии ҷиноятҳои ретсидивӣ, бояд тавассути муносибати маҷмуӣ дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ таъмин гардад. Дар ин маврид саривақтии гузаронидани ҳаракатҳои тафтишотӣ бо пурра муайян намудани ҳолатҳои воқеии парванда аҳаммияти хоса

дорад, зеро он заминаи баҳои ҳуқуқии объективӣ ба кирдори содиршударо фароҳам меорад. Татбиқи ҷазоҳои мутаносиб бо дараҷаи хавфнокии кирдор ва хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор бояд бо чораҳои тарбиявӣ дар марҳилаи то судӣ ҳамроҳ карда шавад.

Диққати махсус бояд ба барномаҳои офиятбахшӣ барои ноболиғони ҳуқуқвайронкунанда равона гардад, ки дар онҳо масоили роҳнамоии касбӣ ва барқарорсозии робитаҳои иҷтимоӣ мавқеи асосӣ доранд. Иҷрои чунин барномаҳо ҳам тағйироти қонунгузорӣ ва ҳам гузаронидани маъракаҳои мунтазами иттилоотиро талаб мекунад, ки ба таъсиси эътимод байни ҷавонон ва институтҳои ҷомеа нигаронда шудаанд. Бо назардошти ин, чораҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1) самти афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоӣ бояд таҳияи механизмҳои муассири мусоидат ба шуғли ҷавонон гардад. Ба ташкил ва рушди шуғли муваққатии донишҷӯён дар давраи таътилҳо тавассути барномаҳои корҳои мавсимӣ, таҷрибаомӯзиҳои кӯтоҳмуддат ва шаклҳои гуногуни кор дар вақти озод аҳаммияти махсус дода шавад. Ин на танҳо ба коҳиши сатҳи бекорӣ миёни ноболиғон, балки ба онҳо имкон медиҳад, ки таҷрибаи аввалини касбӣ ба даст оваранд;

2) ташаккули муҳити устувор барои дастгирӣ ва навсозии муассисаҳои анъанавие, ки бо наврасон ва ҷавонон кор мекунанд, инчунин таҳияи шаклҳои нави ташкилоти иҷтимоӣ бо дарназардошти воқеиятҳои муосир зарур аст;

3) такмили чораҳо оид ба ташкили фароғат, инчунин ташаккули меъёрҳои ахлоқию арзишӣ дар байни ҷавонон, пеш аз ҳама, ноболиғон, муносибати низомнокро бо истифодаи фаъоли захираҳои рақамӣ ва воситаҳои иттилоотӣ тақозо мекунад. Самти асосӣ дар ин маврид ҳамгироии стратегияҳои тарбиявӣ ба фазои иттилоотӣ мебошад: офаридани мундариҷаи омӯзанда дар ВАО, таҳияи платформаҳои интерактивии таълимӣ ва амалӣ намудани лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар интернет. Ба мутобиқсозии барномаҳои ахлоқӣ ба форматҳои рақамӣ бояд диққати махсус дода шавад: аз барномаҳои аудиоӣ дар бораи интихоби ахлоқӣ то бозиҳои

квестӣ (бозиҳои интерактивӣ бо вазифаҳо ва марҳилаҳо) бо унсурҳои рушди эҳсосоти ҳамдардӣ. Чунин тағйирот имкон медиҳад, ки наврасон тавассути василаҳои муосири иртибот ҷалб карда шаванд, ҳамзамон фарҳанги истифодаи масъулонаи воситаҳои иттилоотӣ ташаккул ёбад, ки ин воситаҳоро ба омили рушди шахсӣ табдил медиҳад.

4) истифодаи маҷмӯи чораҳо, ки ба таъсиси муҳити иттилоотии бехавф барои ноболиғон равона шудаанд. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки тоза намудани мундариҷаи расонаҳо бо мунтазам нест кардани маводҳое, ки зӯроварӣ, бераҳмӣ ё дигар намунаҳои рафтори манфиро тарғиб мекунанд, тақвият дода шавад. Ин метавонад: назорати автоматикунонидашудаи мундариҷа тавассути алгоритмҳо, таҳлили коршиносон ва бастани манбаъҳое, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ ҷавобгӯ нестанд дар бар гирад. Ҳамчунин, мувофиқи мақсад аст, ки низоми бисёрсатҳаи шинохти синну сол барои дастрасӣ ба маводи аудиовизуалӣ бо нишони «18+» ҷорӣ карда шавад;

5) зарур аст, ки стратегияи мукаммали коҳиши хавфҳо амалӣ гардад, ки ба пешгирии шаклгирии вобастагӣ (аддиксияҳо), рафтори девиантӣ ва буҳронҳои равонӣ дар байни ҷавонон равона шудааст;

6) қонунгузории муосир бояд ба инсондустӣ ва фардисозии чораҳои таъсиррасонӣ нигаронида шавад. Дар оянда мумкин аст низоми махсуси судӣ барои ҷавонон, ки дар он хусусиятҳои равонию иҷтимоии ҷавонон ба назар гирифта шаванд, ташкил гардад. Ҳамчунин, афзалиятҳои сиёсати ҷиноятӣ бояд бознигарӣ шаванд: ба ҷойи равиши таъқибнамоӣ, бояд диққати асосӣ ба одаткунонии иҷтимоӣ, пешгирии ҷиноятҳои ретсидивӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак нигаронида шавад. Ин дар назар дорад коҳиши истифодаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста ба синни ҷинояткор, инчунин татбиқи чораҳои тарбиявӣ, ҷазоҳои алтернативӣ (корҳои ҳатмӣ, таълим) ва барномаҳои дастгирии равонӣ барои қурбониён;

7) дар Тоҷикистон зарур аст, ки институтҳои волонтёрӣ (ихтиёрӣ) фаъолона таъсис ва рушд дода шаванд, ва ҷалби

ноболиғон ва ҷавонон ба фаъолияти онҳо тақвият ёбад. Ин корро метавон тавассути фаъолсозии фаъолияти «Парламенти ҷавонони Тоҷикистон», «Гурӯҳҳои авангард» ва дигар ташкилотҳои ҷавонӣ ба роҳ монд.

**Дар зербоби дуюм – «Чораҳои умумии криминологӣ ва махсуси пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон ва калонсолон»** муаллиф диққати асосиро ба хусусиятҳои ҷинояткорон, меъёрҳои синнусолии онҳо, хусусиятҳои психофизиологӣ ва дараҷаи шиддати рафтори ҷиноятӣ равона мекунад. Ҳамаи ин унсурҳо бояд ҳангоми таҳияи чораҳои пешгирии иҷтимоии ҷинояткорӣ ба таври ҳатмӣ ба назар гирифта шаванд. Дар навбати худ, омӯзиши хусусиятҳои фаъолияти ҷиноятии шахсони синни миёна ва пиронсол, аз ҷумла таҳлили буҳронҳои синнусолӣ, ки онҳо паси сар мекунанд, имкон медиҳад, ки таъсири ин омилҳо ба хусусият, ангеза ва миқёси кирдорҳои ҷиноятӣ беҳтар фаҳмида шавад. Тағйироти синнусолӣ, аз ҷумла аз даст додани нақшҳои иҷтимоӣ, пастшавии қобилиятҳои ҷисмонӣ ва ноустувории равонӣ, аксар вақт сабаби рафтори девиантӣ мегарданд, ва ба ин масъала бояд криминологҳо, сотсиологҳо ва қонунгузор диққати ҷиддӣ диҳанд.

Бо таҳлили сабабҳои ҷинояткории вобаста ба синну сол, муаллиф чораҳои умумӣ ва махсуси зеринро барои пешгирии он пешниҳод менамояд: 1) баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ; 2) дастгирии давлатии модар ва кӯдак; 3) таъмини шуғли занон; 4) баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат, таъмини саривақтии кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи онҳо; 5) тайёркунии касбии занон; 6) кафолати татбиқи қонунгузории меҳнат.

Ба андешаи муаллиф, воситаи муҳими пешгирии ҷинояткорӣ дар байни аҳолии калонсол – ин ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Зери ин раванд кори мукаммал ва мунтазами давлат, ниҳодҳои он, созмонҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои касбӣ фаҳмида мешавад, ки ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва таҳкими эҳтиром ба қонун равона шудааст. Маорифи ҳуқуқӣ ва таҷрибаи таълимӣ дар

соҳаи ҳуқуқшиносӣ якдигарро пурра карда, заминаи рафтори бомасъулияти шаҳрвандонро фароҳам меоранд. Дар доираи пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, муносибати низомнок, ки ба мустаҳкамсозии институтҳои оила равона шудааст, аҳамияти хоса дорад, зеро маҳз дар муҳити оила намунаҳои рафтор, муносибати эҳсосӣ ба ҷаҳон ва арзишҳои ахлоқӣ шакл мегиранд. Дар ҳамин ҳол, бояд таъкид кард, ки муносибатҳои заношӯӣ, уҳдадориҳои падару модарӣ ва робитаҳои хешутаборӣ метавонанд аз ҷониби шахс ҳам ҳамчун омилҳои муътадилӣ, ва ҳам ҳамчун манбаи хастагии асаб, ё эҳсоси ноумедӣ дарк карда шаванд.

Муаллиф ҳамчунин ба падидаи манфии нигилизми ҳуқуқӣ диққат медиҳад ва бар он аст, ки барои аз байн бурдани он тамоми субъектҳои давлат: аз сохторҳои ҳукуматӣ то ҷомеаҳои маҳаллӣ бояд фаъолона иштирок кунанд. Самаранокии чунин чораҳо бошад, аз мутобиқсозии равишҳои махсуси педагогӣ вобаста хоҳад буд: дар ин раванд муҳим аст, ки хусусиятҳои маърифатӣ, сатҳи дониш ва синну соли шунавандагон ба назар гирифта шаванд. Масалан, барои ҷавонон шаклҳои интерактивӣ (мисли муҳокимаҳо, тренингҳо, симулятсияҳо) муассиртаранд, дар ҳоле ки барои насли калонсол самараноктар метавонанд маъракаҳои тавзеҳӣ тавассути шабакаҳои анъанавии иртибот бошанд (масалан, телевизион, радио, вохӯриҳои ҷамъиятӣ).

Бо мақсади амалӣ намудани чунин сиёсати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай як қатор чораҳои пайдарпай андешидааст, ки онҳо бо дарназардошти омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ татбиқ мегарданд.

Таҳлили масъалаҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо бо дарназардошти синни ҷинояткорон ба муаллиф имкон дод, ки як қатор пешниҳодҳо барои беҳтарсозии вазъ дар ин самт таҳия намояд. Ҳамчун самтҳои афзалиятнок: таъмини шароити мусоиди иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои шуғл, махсусан миёни шахсони ба синни соли нафақа расида; мустаҳкам кардани институти оила (пешгирӣ ва ҳалли

низоъҳои дохилиоилавӣ); дастгирии соҳаи тандурустӣ ва дароз кардани умри миёнаи аҳолӣ; баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон; дар сатҳи қонунгузорӣ ҷорӣ намудани институти суғуртаи ҷавобгарии маданӣ; таҳия ва татбиқи механизмҳои пешгӯии фардии рафтори ҷиноятӣ; интихоб, омӯзиш ва ҷойгиронии босифати кадрҳои боихтисос дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар тадбирҳо пешниҳод мегарданд.

Чораи муҳим дар ташаккули шахсият дар низоми чораҳои пешгирии ҷинояткорӣ бояд баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои рафтор бошад. Ин вазифа бояд тавассути суҳбатҳо ва воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион, радио ва матбуот, амалӣ карда шавад. Чунин муносибат ба тарбияи ҳуқуқӣ метавонад ба таври назаррас ба шаҳрвандони тамоми синну сол таъсир расонад ва ба аз байн бурдани нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат намояд.

Таъкид мегардад, ки таҳияи чораҳои муассири пешгирии криминологӣ равиши ҳамаҷонибаи ҳамоҳангшударо талаб мекунад, ки дар он интихоби дурусти усулҳои таъсиррасонӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Дар ин раванд бояд пеш аз ҳама дастовардҳои муосири илми криминология ва таҷрибаҳои амалии санҷидашуда хусусан бо дарназардошти пайдоиши намудҳои нави ҳуқуқвайронкуниҳо, аз қабили ҷиноятҳои киберӣ, қаллобӣ бо истифодаи телефон ва интернет ва ғайра истифода шаванд.

Ҳангоми таҳлили масъалаҳои пешгирии ҷинояткорӣ, муаллиф ба фаъолияти судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус медиҳад. Ба андешаи ӯ, дар баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон судҳо ба натиҷаҳои амалии назаррас ноил шудаанд. Масалан, соли 2023 дар доираи маҷлисҳои сайёри судӣ, ки бо мақсади мустаҳкам кардани қонуният ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо гузаронида шуданд, 22 725 парванда мавриди баррасӣ қарор гирифт. Илова бар ин, судяҳо ва кормандони судҳо дар 11 389 чорабинӣ иштирок карданд, ки дар муассисаҳои таълимӣ,

ташкилоту идораҳо ва қисмҳои ҳарбӣ баргузор гардида буданд. Дар суханрониҳои худ онҳо дар бораи он ки кадом амалҳо зиддиқонунӣ ҳисобида мешаванд ва чӣ гуна ҷавобгарӣ барои содиркунандагони онҳо пешбинӣ шудааст, инчунин дар бораи аҳамияти риояи қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ маълумот доданд. Дар давоми соли 2023 онҳо 4290 маротиба дар телевизион ва радио баромад намуда, 1549 мақола дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо чоп намудаанд. Бо иштироки кормандони мақомоти судӣ дар шабакаи «Телевизиони Тоҷикистон» 20 барномаи ҳуқуқии «Мурофиаи судӣ» ва 24 барномаи «Инсон ва қонун», дар шабакаи «Ҷаҳоннамо» бошад, 30 барномаи «Ҳуқуқи шумо» ва 62 барномаи иттилоотӣ-таҳлилӣ таҳти унвони «Суд» таҳия ва намоиш дода шудааст.

## ХУЛОСА

**Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф ба хулосаҳои зерин омадааст:**

1. Синну сол яке аз муҳимтарин меъёрҳои ташаккули шахсияти ҷинояткор ба ҳисоб меравад ва дорои хусусияти мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад. Он сатҳи камолоти ҷисмонӣ ва ҳолати иҷтимоию равонии шахсро инъикос мекунад. Аз рӯйи синну сол метавон дар бораи хусусиятҳои муайяни хислати инсон, ки ба як марҳилаи мушаххаси зиндагӣ хосанд, таҷрибаи ҳаётӣ, самтгирии арзишҳо, инкишофи соҳаи эҳсосию иродавӣ ва хусусиятҳои маърифатӣ, ки ба ангезаи кирдорҳои ҷиноятӣ, интихоби усули татбиқи онҳо ва устувории намунаҳои рафтори девиантӣ таъсири мустақим мерасонанд, хулоса баровард [2-М].

2. Синну сол дар ташаккули шахсияти ҷинояткор нақши калидӣ мебозад, зеро он омили муҳими таҳлили ангеза ва амалҳои ӯ мебошад. Ин нишондиҳанда на танҳо имкон медиҳад, ки намунаҳои рафтори шахс пешбинӣ ва шарҳ дода шаванд, балки робитаи байни марҳилаҳои даври зиндагӣ ва майл ба кирдорҳои девиантиро низ ошкор месозад.

3. Дар доираи инсондустона гардонидани сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ба омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои синнусолии

шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, бояд диққати махсус дода шавад. Чунин муносибат метавонад замина барои тағйир додани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ гардад, ки на танҳо ба барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, балки ба бозгашти муассири маҳкумшудагон ба ҷомеа, коҳиши ҷинояткории такрорӣ ва ташаккули механизмҳои ҳимояи пешгирикунанда аз ҷинояткорӣ дар ҷомеа равона мешавад [2-М].

4. Ба синну соли шахс ҳангоми таҳлили виктимологии ҷиноят аҳаммияти калон дода мешавад. Зеро хусусиятҳои ҷисмонӣ ва равонии шахсият метавонанд сабаби барангехтани ҷиноят нисбат ба ӯ ҳамчун қурбонии эҳтимолӣ гарданд. Дар ин маврид ба ниёзҳо ва манфиатҳои асосии қурбонӣ ва ҷинояткор, инчунин ба робитаҳои иҷтимоӣ, низоми арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва афзалиятҳои ҳаётии онҳо аҳамияти асосӣ дода мешавад.

5. Синни шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, дар илми криминология ҳамчун объекти мустақили таҳлили илмӣ баррасӣ мегардад, зеро он хусусиятҳои хоси худро дорад. Ин омил ҳангоми таҳияи механизмҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб гирифта шуда, ба ташаккули стратегияҳои пешгирӣ ва барномаҳои реабилитатсионӣ таъсири мустақим мерасонад.

6. Яке аз омилҳои асосие, ки мустақиман ба содиршавии ҷиноят таъсир мерасонад, синни ҷинояткор мебошад. Масалан, қисми зиёди ҷиноятҳо, махсусан онҳое, ки дар ҳамаи ҷомеаҳо ҳамчун ҷиноятҳои вазнин (мисли одамкушӣ, таҷовуз ба номус, ғоратгарӣ, роҳзанӣ) ҳисобида мешаванд, одатан аз ҷониби ноболиғон ё ҷавонон содир мегарданд. Бо зиёд шудани синну сол шумораи ҷиноятҳои содиркардаи онҳо коҳиш меёбад [4-М].

7. Хусусиятҳои криминогенӣ ва хусусиятҳои равонии шахсияти ҷинояткор, ки ба марҳилаи муайяни синнусолӣ хосанд, пеш аз ҳама вобаста ба талабот, манфиатҳо, хоҳишҳо ва одатҳои ӯ ташаккул меёбанд. Метавон гуфт, ки интихоб ва ангезаи рафтори ҷиноятӣ ба дараҷаи зиёд аз омили синну сол вобаста аст, яъне аз мавқеи иҷтимоие, ки шахс дар синни худ ишғол мекунад ва онро вобаста ба таҷриба ва дидгоҳҳои худ

ба таври гуногун дарк ва арзёбӣ менамояд, ки ин бошад ӯро ба содир кардани ҳаракатҳои гуногун водор месозад [3-М].

8. Ҳангоми омӯзиши хусусиятҳои ахлоқию равонии ҷинояткорони синни камолот муайян карда шуд, ки фаъолияти ҷиноятӣ бештар дар мардони синни 40-сола ва дар занон – аз 35-солагӣ оғоз меёбад. Фаъолияти ҷиноятии афроди синни камолот бисёр вақт бо буҳрони синнусолӣ («буҳрони ногаҳонӣ») робита дорад, ки дар марҳилаи гузариш байни давраҳои нисбатан устувори ҳаёт рӯх дода, пайдарҳамии онҳоро халалдор месозад. Сухан дар бораи падидае меравад, ки шартан ҳамчун «буҳрони 40-солагӣ» номида мешавад, гарчанде ки марзҳои синнусолии он нисбӣ буда, вобаста ба омилҳои зиндагӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ метавонад ба солҳои 35-45 рост ояд. Дар давраи камолоти минбаъда инсон метавонад агар рафтори дигаронро ғайриахлоқӣ ҳисобад, нисбат ба он душманӣ ва хашми зиёд нишон диҳад, новобаста аз он ки он ба кӣ равона шудааст. Дар ҳамин синну сол ихтилофҳои рафторӣ, мисли дидгоҳи нодуруст ба вазъият ё пешбинии хатои амалҳои худ ё дигарон, бештар мушоҳида мешаванд [3-М].

9. Ба амалҳои ҷиноятии гурӯҳӣ бештар се гурӯҳи синнусолӣ майл доранд: наврасони 16-17-сола, ҷавонони 18-21-сола ва шахсони синни аввали камолот 22-35-сола. Дар ин маврид вобастагии баръакс миёни синну сол ва басомади иштирок дар ҷиноятҳои гурӯҳӣ мушоҳида мешавад: ҳар қадар синни ҷинояткор баландтар бошад, ҳамон қадар эҳтимоли иштироки ӯ дар гурӯҳҳои ҷиноятӣ камтар мегардад.

10. Таҳлили хусусиятҳои иҷтимоию демографӣ (ҷинс, синну сол, вазъи оилавӣ, сатҳи таҳсилот, таъминоти моддӣ ва ғ.) имкон дод, ки қонуниятҳои рафтори ҷиноятӣ дар гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ муайян карда шаванд. Ин нишондодҳо, ки симои иҷтимоию равонии шахсиятро ташаккул медиҳанд, имкон медиҳанд, ки робитаи байни мавқеи иҷтимоии шахс дар ҷомеа ва сатҳи ҷалбшавии ӯ ба фаъолияти зиддиқонунӣ муайян карда шавад. Масалан, сатҳи таҳсилот ва даромад бисёр вақт бо намудҳои ҷиноятҳои содиршаванда алоқаманд

аст, дар ҳоле ки хусусиятҳои синнусолӣ ба ангезаҳо ва усулҳои татбиқи онҳо таъсир мерасонанд. Омӯзиши чунин маълумот имкон медиҳад, ки на танҳо сифатҳои хоси ҷинояткор муайян шаванд, балки сабабҳои амиқи ҷинояткорӣ, ба мисли нобаробарии иҷтимоӣ, канорагӣ (маргинализатсия) ва норасоии захираҳои дастрас, ошкор гарданд. Дар асоси чунин таҳлил стратегияҳои пешгирӣ таҳия карда мешаванд, ки ба бартарафсозии омилҳои хавф дар гурӯҳҳои мушаххас (ҷавонон, бекорон, муҳоҷирон) равона мешаванд. Ҳамин тавр, таҳлили иҷтимоию демографӣ ба воситаи муҳим барои пешгӯии тамоюлҳои криминогенӣ ва таҳияи чораҳои мақсадноки таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ табдил меёбад.

11. Афзоиши ҷинояткорӣ дар байни мардон бештар дар синни 20 ва 30-сола мушоҳида мешавад (мутаносибан 14,3% ва 12,4% –давраи буҳрони синнусолӣ), дар ҳоле ки дар байни занон авҷи ҷинояткорӣ дар синни 25-солагӣ ба қайд гирифта шудааст (13,6%).

12. Дар ҳамаи марҳилаҳои синнусолӣ, ангезаи маъмултарини ҷиноятҳо дар байни ҷавонон ғарази шахсӣ мебошад.

13. Самти муҳимтарини сиёсати давлатӣ дар мубориза бо ҷинояткорӣ дар байни насли наврас бояд ташаккули низоми пешгирии иҷтимоӣ дар муҳити ноболиғон ва ҷавонон бошад.

14. Дар байни занони синни 36-49-сола, шумораи зиёди ҷиноятҳо ба давраи буҳронии 39-40-солагӣ рост меояд.

Қисми зиёди ҷинояткорони калонсол ва пиронсолро шахсони синни 36 то 49-сола ташкил медиҳанд. Аксари онҳо мардон мебошанд, аммо саҳми занон низ назаррас аст, махсусан дар байни онҳое, ки аз 50-сола болоанд. Бо мақсади пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон, муаллиф чораҳои махсуси пешгирикунандаро барои ин гурӯҳи синнусолӣ пешниҳод кардааст [6-М].

15. Дар ҷараёни таҳқиқоти анҷомдода тавсияҳои умумӣ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ таҳия карда шудаанд [1-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Шаҳрванд (шахси суғурташуда) бояд бо ташкилоти суғуртавӣ созишномаи суғуртаи ҷавобгарӣ барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ ба имзо расонад.

Дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани суғуртаи ҷавобгарии маданӣ бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷинояткорӣ дар ҷомеа метавонад ба коҳиши назарраси сатҳи содиршавии онҳо мусоидат намояд.

Миёнаравӣ (медиатсия) ва муносибати барқарорсозанда гунаҳгорро аз кирдори ҷиноятӣ ҷудо намуда, оқибатҳои ҷиноят ва ҷазоро коҳиш медиҳанд. Ин усул ноболиғи ҷинояткорро аз таъсири манфии ҷиноят ва ҷазо ба ояндаи ӯ муҳофизат мекунад, ба ӯ дарк кардани моҳияти кирдори содиркардааш ҳамчун ҷиноят, инчунин фаҳмидани зарурати ҷавобгарӣ барои кирдорҳо ва оқибатҳои онҳоро меомӯзонад ва дар айни замон ба пешгирии ретсидиви ҷиноятҳо мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти ин, ба гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки ба татбиқи чораҳои маҷбурсозии тарбиявӣ ва такмили институти миёнаравӣ (медиасия) дар соҳаи пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон афзалият диҳад.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» пешниҳод мегардад, ки тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

«БОБИ $4^1$. ЧОРАҲО ОИД БА ПЕШГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО ВА ҶИНОЯТҲО, КИ АЗ ҶОНИБИ ҶАВОНОН СОДИР МЕШАВАНД

Моддаи 301. Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ҷавонон содир мегарданд

Пешгирии ҷинояткорӣ – ин маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиест, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва дигар субъектҳо ба муқобили ҷараёнҳои криминалӣ бо мақсади пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав ва таъмини

бозгашти иҷтимоии шахсоне, ки қаблан ҷиноят содир намудаанд, амалӣ мегардад.

Моддаи 302. Чораҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ҷавонон содир мешаванд

Мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ҷавонон содир мегарданд, чораҳои зеринро амалӣ менамоянд:

– рушди соҳаи фароғат ва тарбияи маънавию ахлоқии ноболиғон ва ҷавонон;

– пешгирии тамоюл ба худкушӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон;

– тағйири афзалиятҳо дар низоми мавҷудаи ҷазоҳои ҷиноятӣ.

Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад, ки тағйирот ва иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

– Ба м. 60, қ. 4 бо муқаррароти мазмуни зайл дошта илова карда шавад:

«4. Ҳангоми таъин намудани ҷазо нисбат ба ноболиғон ва ҷавонони то 25-сола, суд имконияти татбиқи ҷазоҳои марбут ба маҳрум сохтан аз озодиро баррасӣ намуда, ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро танҳо дар он ҳолат таъин менамояд, ки ислоҳи шахси мазкур тавассути истифодаи намудҳои дигари ҷазо имконнопазир бошад».

–дар қ. 1 м. 63, пас аз калимаҳои «ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ», ибораи «гунаҳгор ноболиғ ё ҷавони то 25-сола мебошад» илова карда шавад.

– Ба м. 65, қ. 5 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«5. Нисбат ба ноболиғ ва ҷавони то 25-сола барои ҷиноятҳои нотамом ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намешавад. Дар ҳолате ки дар санксияи Қисми махсуси Кодекси мазкур дигар намудҳои ҷазо пешбинӣ нашуда бошанд, суд аз зумраи ҷазоҳои дар Қисми умумии Кодекси мазкур пешбинишуда ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набударо интихоб ва таъин менамояд».

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М].** Иброхимзода, М.И. Криминологические проблемы предупреждения преступности в отношении несовершеннолетных [Текст] / М.И. Иброхимзода // Государственное управление. – 2021. – №1 (50). – С. 177-182; ISSN -2664-0651.

**[2-М].** Иброҳимзода, М.И. Мафҳуми сину сол ва аҳамияти он дар тавсифи криминологии шахсияти ҷинояткор [Матн] / М.И. Иброҳимзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 148-153; ISSN 2412-141X

**[3-М].** Иброҳимзода, М.И. Проблемаҳои криминологии пешгирии ҷинояткорӣ вобаста ба шахсоне, ки сину солашон бакамолрасида [Матн] / М.И. Иброҳимзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42). – С. 106-109; ISSN 2410-2903

**[4-М].** Иброҳимзода, М.И. Хусусияти иҷтимоӣ-демографии сину соли шахсияти ҷинояткор [Матн] / М.И. Иброҳимзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №3 (51). – С. 159-163; ISSN 2410-2903

**[5-М].** Иброҳимзода, М.И. Проблемаҳои мафҳуми сину соли ҷинояткор дар илми криминология [Матн] / М.И. Иброҳимзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4/2 (64). – С. 333-342; ISSN -2664-0651.

**[6-М].** Иброҳимзода, М.И. Баъзе масъалаҳои муҳими пешгирии ҷинояткорӣ: таҳлили илмӣ-назариявӣ ва амалӣ [Матн] / М.И. Иброҳимзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №2 (67). – С. 299-304; ISSN -2664-0651.

**[7-М].** Иброҳимзода, М.И. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва принсипи таҳаммулпазирии сифрӣ-воситаи муҳимми пешгирии ҷинояткорӣ [Матн] / М.И. Иброҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии

Тоҷикистон. – 2024. – №6. – Қисми 1. – С. 246-250; ISSN 2413-5151

**[8-М].** Назаров, А.Қ., Иброҳимзода, М.И. Хусусиятҳои криминологии шахсияти ҷинояткор [Матн] / А.Қ. Назаров, М.И. Иброҳимзода // Фуруғи илм. – 2024. – №1. – С. 52-61; ISSN 3078-395X

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

**[9-М].** Назаров, А.Қ., Иброҳимзода, М.И. Баланду пастравии ҷинояткории аз ҷониби ноболиғон содиршуда [Матн] / А.Қ. Назаров, М.И. Иброҳимзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ». – Душанбе, 2024. – С. 469-477.

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

*На правах рукописи*



**УДК: 343.98(575.3)**
**ББК –67.99(2)94+67.99(2)8**
**И–14**

**ИБРОХИМЗОДА МУБОРАК ИБРОХИМ**

# КРИМИНАЛИСТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ВОЗРАСТНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ ЛИЧНОСТИ ПРЕСТУПНИКА: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ

**АВТОРЕФЕРАТ**

Диссертации на соискание научной степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право

**ДУШАНБЕ – 2025**

**Диссертация выполнена на кафедре криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета.**

**Научный руководитель:** **Назаров Аваз Кувватович** – доктор юридических наук, профессор, кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета.

**Официальные оппоненты**: **Абдухамитов Валиджон Абдухалимович** – доктор юридических наук, профессор кафедры уголовного права Российско-Таджикского (Славянского) университета;

**Сафарзода Хаёт Саидамир** – кандидат юридических наук, доцент, профессор кафедры предотвращения террористических преступлений и обеспечения общественной безопасности факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан.

**Ведущая организация**: – высшее профессиональное образовательное учреждение «Таджикский государственный финансово-экономический университет» (г. Душанбе).

Защита диссертации состоится 10 января 2026 года в $10^{\underline{00}}$ часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-019 при ТНУ (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, учебный корпус 11, зал диссертационного совета юридического факультета).

С содержанием диссертации можно ознакомиться на сайте https://tnu.tj и в Центральной научной библиотеке ТНУ (734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17).

Автореферат разослан: «_____» _____________ 2025 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета,**
**кондидат юридических наук** **Мирзозода К.Х.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования**. Проблемы борьбы с преступностью и её предупреждения, вопросы воспитания молодёжи и подростков в духе соблюдения законов государства и уважения национальных традиций всегда были и остаются одними из самых актуальных в юридической науке Таджикистана. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент страны, уважаемый Эмомали Рахмон в своём Послании к Мажлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» подчеркивал, что «воспитание молодёжи в духе высокого национального самосознания, преданности государству и нации, терпимости, патриотизма, самопознания и уважения национальных ценностей является важнейшей задачей всех структур, органов и всего общества» [4]. Решение этой задачи в рамках правоохранительной системы, конечно, имеет особую значимость и отличается своими методами и принципиальными подходами.

В этом контексте в период независимости Таджикистана было принято несколько государственных программ и стратегий по противодействию преступности во всех сферах деятельности государства, общества и каждого её члена.

Соответственно криминологическим и психологическим исследованиям, распространение и сокращение преступности зависит от многих субъективных факторов. В их ряду такой фактор, как возраст лица совершившего преступление, заслуживает особого внимания. Причинной совершение преступление зависит от возраста лицо совершивших преступление. На основе практики правоохранительных органов можно сделать вывод, что определение динамики совершение преступление зависит от определения возраста лиц, совершивших преступление. На основе изложенного следует, что меры профилактики преступление должны разрабатывается на основе возраста преступника

Здесь будет вполне уместным привести следующие данные: за девять месяцев 2023 г. на территории Республики Таджикистан было совершено 11 525 преступлений, из них: несовершеннолетними – 475 (4,2%); молодежью – 3367

(29,21%); взрослыми – 5747 (49,81%), и пожилыми людьми – 1936 (16,79%). По регионам: в ГБАО общее количество совершённых преступлений составило 404, из них 9 – несовершеннолетними; 92 – молодежью; 253 – взрослыми и 50 – пожилыми людьми; в Согдийской области: общее количество – 3585; из них 140 – несовершеннолетними; 1043 – молодежью; 1774 – взрослыми и 628 – пожилыми людьми; в Хатлонской области: общее количество – 3264; из них: 135 – несовершеннолетними; 919 – молодежью; 1550 – взрослыми и 660 – пожилыми людьми; в Душанбе: общее количество – 2258; из них: 88 – несовершеннолетними; 709 – молодежью; 1196 – взрослыми и 265 – пожилыми людьми [3]. По мнению автора, приведенная статистика уже сама по себе порождает вопросы, которые конкретизируются в диссертационной работе и подвергаются всестороннему анализу.

В рамках науки криминологии темы, связанные с возрастом, психологическими и интеллектуальными особенностями преступников, до сегодняшнего дня глубоко и подробно не исследовались. Между тем нельзя игнорировать того факта, что в любой сфере деятельности государства, общества и личности могут сложиться такие специфические условия, которые могут не только пассивно способствовать девиантным моделям поведения, но и выступать активным фактором, обусловливающим формирование деструктивной социальной реальности. В такой среде и происходит двойственное воздействие на личность: с одной стороны, искажаются механизмы её социализации, а с другой – деформируются индивидуальные ценностные ориентиры. Причём при институциональной нестабильности и нормативном вакууме это воздействие может многократно увеличиться.

В современных условиях перечисленные выще проблемы приобретают особую актуальность и с учётом стремительного развития информационного общества и формирования многомерных цифровых коммуникаций. Исходя из этого, автор подчеркивает междициплинарный характер анализируемых в диссертационной работе проблем, потому что современные коммуникационные технологии доступны

практически всем возрастным группам и всем слоям населения. Последнее в свою очередь порождает множество киберсоциальных рисков, требующих формирования определенной нормативно-правовой базы.

**Степень исследования научной темы.** В юридической науке РТ ряд отечественных ученых посвятили свои работы изучению общих вопросов личности преступника, в частности это У.А. Азизов [19], Н.Б. Азимов [5; 20], С.Э. Бахриддинзода [9], З.А. Камолов [14, с. 137-151], Н.А. Кудратов [10], Ф.А. Меликов [26], А.К. Назаров [16, с. 305-310; 17, с. 240-245], А.И. Сафарзода [13, с. 70-78], Х.Г. Джалолов [23], Т.Ш. Шарипов [27], Ш.М. Шарифзода [28] и др.

Проблемы, связанные с качественными характеристиками преступников, рассматривались и в публикациях зарубежных исследователей, в частности Ю.М. Антонян [6], А.А. Байбарин [8], Р.Б. Бахаев [21], Ю.В. Владимирова [22, с. 16], Т.Н. Волкова [7], Е.М. Илчикова [24], В.О. Касимов [25], В.В. Лисак [15, с. 113], А.В. Микляева [11], И.С. Ной [12], В.Е. Эминов [18, с. 37] и др.

При этом следует отметить, что всестороннего, комплексного изучения связи возраста лиц, совершивших преступления, с самим преступлением ни отечественными учёными – правоведами, ни зарубежными ещё не проводилось. Так, таджикские исследователи уделяли внимание лишь отдельным аспектам рассматриваемой темы. Учитывая недостаточную изученность и актуальность данного вопроса в Республике Таджикистан, автор попыталась проанализировать его глубоко и последовательно, с учётом требований правоприменительной практики и достижений в сфере современной криминалистики.

**Связь исследования с программами и научными темами**. Диссертация выполнена в рамках «Государственной программы противодействия преступности в Республике Таджикистан на 2021-2030 годы», утвержденной постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 г., №265, а также в соответствии с планом научно-исследовательских работ кафедры криминалистики и

деятельности судебной экспертизы юридического факультета Таджикского национального университета.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования** заключается в обосновании общих и специфических возрастных характеристик лиц, совершивших преступление, в анализе правового регулирования применяемых правоохранительными органами Таджикистана, мер, а также в разработке общих и специальных механизмов предупреждения преступности в зависимости от конкретного возраста.

**Задачи исследования**. Для достижения поставленной цели необходимо было решить следующие задачи:

- обосновать положение о том, что возраст можно рассматривать как криминологический фактор;
- определить биофизиологические особености личности преступника;
- выявить количественные и качественные показатели преступности несовершеннолетних;
- конкретизировать причины и условия преступности среди несовершеннолетних;
- проследить динамику преступности в молодом и зрелом возрастах;
- провести криминологический анализ профилактики преступности среди несовершеннолетних;
- разработать общекриминологические и специальные профилактические меры для предупреждения совершения преступления молодыми и взрослыми людми.

**Объект исследования** – общественные отношения, связанные с преступным поведением лиц разного возраста, а также деятельность по предотвращению такого поведения.

